# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Тарбия ва ташаккули шахсияти дорои тарбияи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дар таълимӣ аз синни хурдсолӣ оғоз меёбад. Дар тарбияю ташаккулёбии шахсияти дорои сифатҳои номбаргардида ва имконияти фаъолона дар сохтмони ҷамъияти навбунёди демократӣ иштирок карда метавонистагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи мумумӣ тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нақши асосӣ мебозад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар замони истиқлолият ва рӯ овардан ба барпо намудани ҷамъияти демократӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати давлатдорӣ рушди соҳаи маорифро дар ҷои аввал гузоштааст, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти он тарбияи миллӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори миллию ватандории наслҳои наврасу ҷавон мебошад.

Асоси тарбияи миллӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори миллию ватандориро баробари дарк кардану қадр намудани арзишҳои миллии замони муосир, донистану қадр кардани арзишҳои пешқадаму гуногунранги замонҳои гузаштаро, ки дар тарбияю ба камол расонидани наслҳои халқи тоҷик дар давоми асрҳо нақши муҳим бозидаанд, ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, омӯхтану таҳлил кардан ва ба таври эҷодӣ дар алоқамандӣ ба нишондодҳои педагогикаи муосир дар таълиму тарбияи насли наврас истифода бурдани идеяҳои пешқадами бадеию педагогӣ ва таърихию фалсафӣ ва дигар мероси адабӣ – педагогии мутаффакирони форсу тоҷик, ки дар онҳо ба таври умумӣ ҳам ки бошад, масъалаҳои гуногуни педагогикаи ватанӣ инъикос гардидаанд, самарабахш мебошад.

Дар назар доштан лозим аст, ки ватандӯстӣ яке аз масъалаҳои марказии тарбияи ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ ҳиссиёти аз ҳама баландтарини инсонӣ ва сифатҳои ахлоқии ҳамидаи инсонӣ мебошад. Ватандӯстӣ дар дӯст доштани падару модар, хешу табор, ҷои таваллуд, табиату бойгарии кишвари худ, дӯст доштану ба ҷо овардани анъанаҳо ва расму оинҳои миллии халқи худ, дӯст доштани забони миллӣ, адабиёту санъати миллии худ, ҳиссиёти баланди миллатшиносӣ миллатдӯстӣ ва ифтихори миллӣ доштан маълум мегардад.

Ватандӯстӣ дар он ифода меёбад, ки халқи тоҷик ба қатори халқҳои қадимаи ҷаҳон дохил аст, таърихи куҳан ва маданияту санъати қадимаи

худро дорад, забони модарии худро то имрӯз нигоҳ доштааст, барои озодиву истиқлолият мубориза бурдааст, таърихи давлатдорӣ дорад, мутафакирони шухрати ҷаҳонидошта дорад.

Мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ яке аз мавзуъҳои муҳимми рӯзмара ба ҳисоб меравад. Боварӣ ҳаст, ки мавзуи таҳқиқшаванда дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа нақш хоҳад гузошт.

Муҳаққиқ дар рисолаи худ аз адабиёти зиёди илмӣ ва ҳуҷҷатҳои таърихию бойгонӣ ба таври васеъ истифода намуда, паҳлуҳои норавшани ин мавзуъро хеле хуб мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан ва дӯст доштани он дар корҳои илмӣ ва асарҳои файласуфону иҷтимоиётшиносон (сотсиологҳо) ва равоншиносону муҳаққиқони соҳаи педагогика Сорока-Росинский В.Н., Ю.К.Бабанский, Станчинский Г.А., Макаренко А.С., Николаев В.А., Васильева З.П., Самтонов С.Н., Мешков А.Е., Бунаков Н.Ф., Николаев В.А., М.Н. Скаткин, Сухомлинский В.А., Мудрик А.В. ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу коркард гардидаанд. Ба масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар китобҳои дарсӣ дастуру тавсияҳои методии муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, М. Орифӣ, Х. Раҳимов, К.Б. Кодиров, Б. Раҳимов, А. Нуров, С.Э. Негматов, Х. Раҳимзода, Б. Маҷидова, Д.Н. Латифзода, Ҷ.Х. Файзализода, А.М. Мирализода, Н.М. Юнусова, Г. Иброҳимов ва дигарон рӯ оварда, паҳлуҳои гуногуни ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар таҳқиқотҳояшон инъикос намудаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» ба масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ бахшида шуда, фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ» масъалаи шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, тавсифи марҳилаҳои озмоиш ва ташхиси сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас баррасӣ шуда, амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ пешниҳод гардидааст.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани насли наврас имконият фароҳам меорад, ки худогоҳию худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад ва хонандагон чун шахсият ва ворисони сазовори Ватан ба камол расанд.

Бояд гуфт, ки автореферат дар ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстии насли наврас кор карда шудааст.

Камбудиҳое, ки дар автореферат ба назар мерасанд камбудиҳои техникӣ ба ҳисоб рафта ба сифати рисола таъсир намерасонд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30.07.2021) омода гардида, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Мирзозода Акрам Рустам сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.
мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳ.Т.

25.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел. 2325125 E-mail:** sadoratanglis@gmail.com

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрхо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.